**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАРМОИШ**

аз «5» январи соли 2022 № 1/211 ш. Душанбе

Дар бораи рад кардани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи банди 3 қарори Раёсати КОА аз 29 апрели соли 2021, протоколи №4,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29.09.2021, №8 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика ба Назаров Ҷамшед Юсуфович аз рӯйи натиҷаи ҳимояи диссертатсия дар мавзӯи «Тасвири интегралӣ ва ҳалли масъалаи намуди Кошӣ барои як синфи муодилаҳои дифференсиалии таназзулёбандаи ҷинси як» аз рӯйи ихтисоси 01.01.02-Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ, идоракунии оптималӣ, бинобар риоя нашудани талаботи банди 73-и Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) ва бандҳои 38, 60, 61-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (26.11.2016, №505), тасдиқ шудаанд, бекор карда шавад.

2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика ба Назаров Ҷамшед Юсуфович рад карда шавад.

3. Ҳимояи такрории диссертатсияи Назаров Ҷамшед Юсуфович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика тибқи муқаррарот иҷозат дода шавад.

4. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон огоҳонида шавад.

5. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи расмии КОА ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. гузошта шавад.

Асос: Хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ–математикӣ ва техникии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Раис А. Розиқзода